## *ТАҚРИЗИ*

***роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ- оморин сатҳи монетизатсия (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00. 12. «ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор»***

Холов Рустам Шермаҳмадович Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1999 аз рӯи ихтисоси «Омор» хатм кардааст. Аз соли 2006 фаъолияти омӯзгории худро ба сифати ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва омор дар Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло ДДМИТ) оғоз намудааст. Аз соли 2009 аспиранти шӯъбаи ғоибонаи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз руи ихтисоси 08.12.00 «ҳисоби муҳосибӣ аудит ва омор» буда, онро соли 2012 бомуваффақият хатм намудааст. Дар ин муддат дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва машваратҳои илмии донишгоҳӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2010 сар карда, Холов Рустам ба таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи хоҷагии қишлоқ машғул буд. Бинобар сабаби набудани Шӯрои дисертатсионӣ оид ба ихтисоси интихоб намудаи унвонҷӯ то солҳои наздик кори илмӣ ба таъхир афтодааст. Аз соли 2015 тасмим гирифтааст, ки фаъолияти илмии худро бо мавзӯи нав яъне «Таҳқиқоти иқтисоди-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) давом диҳад.

Дар ин муддат аз тарафи Холов Рустам имтиҳонҳои номзадӣ бо муваффақият супорида шуда, 9- адад корҳои илмӣ нашр гардидааст, ки 4- тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ чоп гардидаанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи ба он алоқаманд, корҳои илми- назарявии муҳаққиқон ва иқтисодчиёни ватанию

хориҷӣ омӯхта шуда, маводҳои амалӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

Дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии омори монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон воситаҳои методологии омӯзиши сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт дар шароити муосир, раванди ташаккулёбии монетизатсия, механизми танзими пул, пешниҳоди карз ва пасандозҳои ҷалбшуда ва таъсири омилҳои алоҳида дида баромада шудааст. Дар боби дуюми диссертатсия усулҳои омории таҳқиқоти монетизатсияи иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ғайр аз ин, майли тағйирёбии сатҳи монетизатсия ва низоми нишондиҳандаҳои омории он, омӯхта шудааст. Дар боби сеюми диссертатсия ташаккули модели иқтисоди-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, арзёбии омории қисматҳои модели монетизатсияи иқтисодиёт, таҳлили омории таъсири монетизатсия ба рушди иқтисодиёт таҳқиқ карда шудаанд.

Ба диссертант муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ ва методологии омории монетизатсияи иқтисодиёти миллиро дар шароти ноустувории муҳити бозори молиявӣ илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба муҳаққиқ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии сиёсати монетарӣ ва баланбардории сатҳи монетизатсия ва монетаризатсия мухтасар ифода намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои иқтисоди-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт дар шароити фарогирии молиявии муосир мебошад. Доштани малакаи хуби таҳлили оморӣ ба диссертант имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар раванди иҷроиши кори илмӣ аз тарафи диссертант маводи зиёде коркард ва ҷамъбаст гардида, усулҳои банизомбарорӣ, муқоисакунӣ, комплексӣ, ҷамъбасткунии маводи оморӣ, таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ, моделҳои аддетивӣ ва мултипликаттивӣ истифода карда шудааст.

Хулоса, Холов Рустам вазифаҳои расидан ба максади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст ва диссертатсия мантиқан ба анҷомрасида, ҳисобида шуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот илман асосноккардашуда буда, тавсияҳои амалиро барои мукаммалгардонии сиёсати монетизатсияи иқтисодиёт ва идоракунии сатҳ ва сифати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст.

Сохтор, мӯҳтаво ва сифати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, диссертант Холов Рустам Шермаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор сазовор мебошад.

*Роҳбари илмӣ:*
*н.и.и., дотсенти кафедраи омори*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* — *Мирзоев С.С.*

*Имзои Мирзоев С.С- ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори раёсати кадрҳо*
*ва корҳои махсусӣ Д[...]* — *Тавқиев Э.Ш.*